**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**«Тасдиқ менамоям»**
Раиси Шурои олимони ДДТТ,
д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р.
________________
«04» 07 соли 2022

# ҲИСОБОТ
# ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2021-2022

**ДУШАНБЕ – 2022**

**Ҳисобот**
**оид ба фаъолияти Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар соли таҳсили 2021-2022**

Шӯрои олимони муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба сифати мақомоти идоракунандаи муассисаи таълимӣ мутобиқи бандҳои дахлдори Оинномаи донишгоҳ ва дар асоси фармоиши ректори донишгоҳ дар ҳайати зиёда аз 21 нафар таъсис дода мешавад. Мутобиқи муқаррароти Оинномаи донишгоҳ ректори донишгоҳ - раиси Шӯрои олимон интихоб карда мешавад ва ҳайати Шӯрои олимон аз ҳисоби докторони илмӣ, номзади илмӣ ва кормандони бе унвони роҳбарият интихоб карда мешаванд.

Қарорҳои марбутаи Шӯрои олимон бо фармоишҳои ректори донишгоҳ ба расмият дароварда шуда, иҷроиши онҳо ҳатмӣ ва зери назорати доимӣ мебошад.

Шӯрои олимон тибқи тартиботи ҷорӣ дар раванди фаъолияти худ муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ  оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», амру фармонҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишоти марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба соҳаи  маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот, инчунин Оинномаи донишгоҳро ба роҳбарӣ гирифта, дар такмили раванди таълиму тарбия дар донишгоҳ нақши ҳалкунанда дорад.

Тибқи нақшаи соли таҳсили 2021-2022 ҳайати Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 29 нафар ба фаъолият оғоз карданд.

Ҳамчунин бо фармоиши ректори донишгоҳ аз 25 сентябри соли 2021, № 180 гурӯҳи корӣ оид ба назорати иҷрои қарорҳои Шӯрои олимон, раёсат, шӯрои илмӣ-методӣ, машваратҳо ва чорабиниҳои донишгоҳ таъсис дода шуд.

Бо қарори ҷалсаи Шӯрои олимон таҳти №12 аз 26.05.2022 аъзои нави Шӯрои олимонро дар ҳайати 31 нафар таъсис дод, ки аз ин ҳисоб 3 нафар доктори илм,

23 нафар номзади илм ва 5 нафар бе унвони илмӣ мебошанд. Тибқи муқаррароти ҷорӣ ба ҳайати Шӯро ректори донишгоҳ (раиси Шӯро), муовинони ректор (муовини якум, муовини ректор оид ба таълим - муовини раиси Шӯро), деканҳои факултетҳо, роҳбарони воҳидҳои таркибӣ, мудирони кафедраҳо ва кормандони намоёни илмию омӯзгорӣ шомил карда шудаанд.

**Аъзои Шӯрои олимони ДДТТ дар соли таҳсили 2021-2022**

| **Аъзои Шӯрои олимон** | нафар |
|---|---|
| доктори илм | 4 |
| номзади илм | 22 |
| бе унвони илмӣ | 5 |




Нақшаи кории Шӯрои олимон, ки тахти №1 аз 27.08.2021 дар ҷаласаи Шӯро тасдиқ гардида, фаъолияти худро дар мувофиқа бо санаду ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрии марбута ва тибқи нақшаи тасдиқгардида ба роҳ монд.

Тибқи нақшаи кории раёсати донишгоҳ ва қарори Шӯрои олимон (№1, аз 26.08.2021) ҷаласаҳои Шӯро моҳе як маротиба рӯзи панҷшанбеи охири ҳар моҳ доир мегарданд.

Дар соли таҳсили ҷорӣ дар умум 13 маротиба ҷаласаи Шӯрои олимон баргузор гардид, ки аз ин ҳисоб ду ҷаласа ба таври ғайринавбатӣ гузаронида шуд. Дар ҷаласаҳо муҳимтарин масъалаҳои марбут ба раванди таълим, тарбия, илмӣ-тадқиқотӣ ва фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ баррасӣ гардида, дар иртибот ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

Масъалаҳое, ки дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон муҳокима гардиданд, ба ташкил ва такмили раванди таълиму тарбия, санҷиши вазъи таълим, давомоти донишҷӯён, омодагии устодон ба дарсҳо, омодагӣ ва натиҷабандии санҷишу имтиҳонот, таҳлили фаъолияти сохторҳои донишгоҳ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, баррасӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрии дохилӣ, гузаронидани озмуни ишғоли вазифа, пешбарии номзадон барои гирифтани мукофоту ҷоизаҳо ва дигарҳо бахшида шуда буданд. Дар соли таҳсили ҷорӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон як чанд ҳуҷҷатҳои дохилии ҳуқуқӣ-меъёрӣ баррасӣ ва тасдиқ карда шуданд.

Инчунин дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони донишгоҳ оид ба рафти иҷроиши нақшаи чорабиниҳои донишгоҳӣ оид ба иҷрои вазифаҳое, ки аз Паёми Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз  22 декабри соли 2021 бармеоянд, баррасӣ гардид. (№8, аз 25.02.2022).

Дар нимсолаи дуввум низ бо мақсади иҷроиши саривақтии Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2021, лоиҳаи Нақша-чорабиниҳои донишгоҳии паёми зикргардида дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони донишгоҳ 30.01.2021, № 8 мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҳамин тариқ, дар соли таҳсили 2021- 2022 дар 13 ҷаласаи Шӯрои олимон 35 масъалаи асосӣ, 115 масъалаҳои ҷорӣ пешниҳод ва баррасӣ гардида, қарорҳо лозимӣ қабул карда шуд.

**Озмун барои ишғоли вазифа, унвонҳои илмӣ ва ифтихорӣ дар соли таҳсили 2021-2022**

**Ҷадвали 1**

| **Ишғоли вазифа** | нафар |
|---|---|
| ассистентон ба муаллими калон | 6 |
| иҷрокунандаи вазифаи дотсент | 22 |

| | |
|---|---|
| иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедра | 3 |
| дарёфти унвони дотсент | 1 |
| вазифаи мудирони кафедраҳои донишгоҳ | 5 |

Дар ҷаласаҳо мазкур 6 нафар ассистентон ба муаллими калон, 22 - нафар номзадҳои илм ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи дотсент, 3- нафар докторони илм ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедра, 1- нафар доктори илм ҳуҷҷатҳояшро барои дарёфти унвони дотсент ба ВАК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд. Инчунин 5 - нафар довталабон аз сари нав ба вазифаи мудирони кафедраҳои донишгоҳ интихоб гардиданд.

**Озмун барои ишғоли вазифа, унвонҳои илмӣ ва ифтихорӣ дар соли таҳсили 2021-2022**

**Ҷадвали 2**




Умуман дар масъалаҳои пешниҳодшудаи Нақшаи кории Шӯрои олимони донишгоҳ такмили раванди таълиму тарбия, илмӣ-тадқиқотӣ, молиявию хоҷагидорӣ ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯи бозори ҷаҳонии меҳнат диққати махсус зоҳир менамояд. Аз ин рӯ, ҳамасола фаъолияти сохторҳо, факултетҳо, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ санҷида шуда, вазъи раванди таълим, тарбия, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва молиявию хоҷагидорӣ дар ҷаласаҳои Шӯро баррасӣ мегарданд, ки аз инҳо дар соли таҳсили 2021-2022 масъалаҳои марбут ба раванди таълим 11 маротиба, тарбия 5 маротиба, илмӣ-

тадқиқотӣ 8 маротиба, робитаҳои байналмилалӣ 2 маротиба, молиявию хоҷагӣ 4 маротиба, иҷроиши Нақша чорабиниҳои Паёми Пешвои миллат 2 маротиба, назорати иҷроиши қарорҳои Шӯрои олимони донишгоҳ 2 маротиба ва масъалаиҳои ҷорӣ 115 маротиба мушаххасан баррасӣ карда шуданд.

**Масъалаҳои марбут ба раванди таълиму тарбия, илмӣ-тадқиқотӣ, байналмилалӣ ва молиявӣ-хоҷагидории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ки дар ҷаласаи Шӯрои олимон баррасӣ гардиданд (соли таҳсили 2021-2022 )**

**Ҷадвали 3**

| **Масъалаҳои баррасигардида** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Масъалаҳо вобаста ба раванди таълим | Масъалаҳо вобаста ба раванди тарбия | Масъалаҳо вобаста ба раванди илм | Масъалаҳо вобаста ба раванди робитаҳои байналми-лалӣ | Масъалаҳо вобаста ба молиявию хоҷагӣ | Рафти иҷроиши Нақша чорабиниҳо Паём | Иҷроиши қарорҳои ШО | Масъалаҳ и ҷорӣ |
| **11** | **5** | **8** | **2** | **4** | **2** | **2** | **115** |

**Масъалаҳои баррасӣ гардида дар ҷаласаи Шӯрои олимон (соли таҳсили 2021-2022 )**

**Ҷадвали 4**




Дар Шӯрои олимони донишгоҳ тибқи пешниҳоди сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Пирзода С.С. барои гирифтани ҳуҷҷати намунаи давлатии такрории собиқ хатмкардагони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, бинобар сабаби иваз намудани ном, насаб ва номи падар, дарҷ гардидани хатогии техникӣ дар навишти диплом ва ё гум шудани он ба инобат гирифта шуда ба 75 нафар нусхаи диплом иҷозат дода шуд.

## Рафти иҷроиши нақшаи кории Шӯрои олимони донишгоҳ дар соли таҳсили 2021-2022

**Ҷадвали 5**

| № | Қарори №1 аз 27.08.2021 | Қарори №2 аз 30.09.2021 | Қарори №3 аз 29.10.2021 | Қарори №4 аз 30.11.2021 | Қарори №5 аз 30.12.2021 | Қарори №6 аз 30.12.2021 | Дар нимсолаи 1-ум | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Таълим – 4<br>Факултет – 5<br>Кафедраҳо- 4<br>Ш/ техникӣ- 2<br>Тасдиқи нақшаҳо – 31<br>Раёсати хоҷагӣ- 3<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 13 | Факултет – 2<br>Кафедраҳо- 8<br>Котиби масъул – 7<br>Литсей- 11<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 13 | Факултет – 9<br>Кафедраҳо- 5<br>Филиал – 16<br>Раёсати хоҷагӣ- 2<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 14 | Таълим – 4<br>Факултет – 5<br>Кафедраҳо- 3<br>Раёсати илм- 3<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 8 | Муовини якум -15<br>Муовини илм – 12<br>Муовини тарбия – 9<br>Раёсати молия- 2<br>Ш.кадрҳо – 3<br>Факултет – 9<br>Кафедраҳо- 8<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 8 | Факултет – 12<br>Кафедраҳо- 12<br>Сохторҳо -11<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 8 | 31- нақша тасдиқ гардид<br>191- масъалаи ҷорӣ<br>40-нафар дипломи такрорӣ<br>1-и.в. профессор<br>10-и.в. дотсент<br>5- муаллими калон | |
| № | Қарори №7 аз 27.01.2022 | Қарори №8 аз 25.02.2022 | Қарори №9 аз 31.03.2022 | Қарори №10 аз 12.04.2022 | Қарори №11 аз 28.04.2022 | Қарори №12 аз 28.05.2022 | Қарори №13 аз 23.06.2022 | Дар нимсолаи 2-юм |
| | Кафедраҳо- 3<br>Факултет – 5<br>Раёсати хоҷагӣ- 2<br>Ш/ техникӣ- 1<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 13 | Кафедраҳо- 2<br>Факултет – 2<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 15 | Кафедраҳо- 5<br>Факултет – 3<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 6 | Кафедраҳо- 3<br>Факултет – 3<br>Раёсати таълим- 5<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 5 | Кафедраҳо- 8<br>Факултет – 8<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 10 | Кафедраҳо- 3<br>Факултет – 3<br>Масъалаҳои ҷорӣ- 7 | | 49- масъалаи ҷорӣ<br>35-нафар дипломи такрорӣ<br>2-и.в. профессор<br>12-и.в. дотсент<br>1-муаллими калон<br>5- ишғоли вазифа |

Ҳамчунин бо фармоиши ректори донишгоҳ аз 25 сентябри соли 2021, № 180 гурӯҳи корӣ оид ба назорати иҷрои қарорҳои Шӯрои олимон, раёсат, шӯрои илмӣ-методӣ, машваратҳо ва чорабиниҳои донишгоҳ таъсис дода шуд.

Натиҷаи омӯзиши маълумотномаҳо оид ба иҷрои қарорҳои Шӯрои олимон дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2021-2022, ки аз ҷониби масъулин пешниҳод гардид ва аз тарафи гурӯҳи корӣ интихобан санҷида шуд, нишон дод, ки дар умум қарорҳои дахлдори Шӯрои олимони донишгоҳ иҷро гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни таҳлил ва санҷиши иҷрои қарорҳои Шӯрои олимон як қатор мушкилоту камбудиҳо ошкор гардиданд, ки ислоҳи онҳо барои дар оянда самаранок ба роҳ мондани фаъолият мусоидат хоҳанд кард:

- қарорҳо бештар хусусияти умумӣ доранд, ки назорати иҷрои онҳоро душвор мегардонад;
- дар аксари бандҳои қарорҳои қабулшуда мухлати иҷрои онҳо мушаххас нишон дода нашудааст;
- баъзе қарорҳои қабулшуда хусусияти такрориро доранд;
- як қатор қарорҳои қабулшуда аз бандҳои зиёд иборатанд.

Котиби Шӯрои олимон Машокиров Ҷ.Н.